# КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ФАРМОИШ

аз «4» октябри соли 2021 № 272/ҷ.и. ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм ба Хусравбеков Лоиқ Давлатбекович дар мавзӯи «Педагогическое тестирование как объективный метод оценки качества знаний абитуриентов по физике» аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (физика) бинобар риоя нагардидани талаботи бандҳои 64, 65 ва 76 Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) бекор карда шавад.

2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Хусравбеков Лоиқ Давлатбекович рад карда шавад.

3. Баррасии такрории диссертатсияи Хусравбеков Лоиқ Давлатбекович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ баъд аз се моҳ аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур иҷозат дода шавад.

4. Раис, муовин ва котиби илмии шӯрои диссертатсионии мазкур огоҳонида шаванд.

5. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7.

Раис Розиқзода А.